# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи тасдиқи Номгӯи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори амаликунандаи муносибатҳои бевосита мутобиқи конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск ва 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидаанд

Бо мақсади иҷрои моддаи 5 конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск ва 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидаанд, фармон медиҳам:

1. Номгӯи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори амаликунандаи муносибатҳои бевосита мутобиқи конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск ва 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидаанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳои дахлдор фаъолияти худро оид ба дархостҳо дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мутобиқи муқаррароти ин конвенсияҳо амалӣ намоянд.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2005, № 1572 "Дар бораи тасдиқи Номгӯи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори анҷомдиҳии муносибатҳои бевосита мутобиқи Конвенсияи байни давлатҳои Иттиҳоди

Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноӣ, ки 7 октбяри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидааст" аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
26 апрели соли 2017 № 870

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 апрели соли 2017 № 870
тасдиқ шудааст

# Номгӯи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори амаликунандаи муносибатҳои бевосита мутобиқи конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск ва 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидаанд

- Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- Суди вилояти Суғд;
- Суди вилояти Хатлон;
- Суди шаҳри Душанбе;
- Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- Прокуратураи вилояти Суғд;
- Прокуратураи вилояти Хатлон;
- Прокуратураи шаҳри Душанбе;
- Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон;
- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Раёсати адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- Раёсати адлияи вилояти Суғд;

- Раёсати адлияи вилояти Хатлон;

- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Раёсати минтақавии гумрукӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

- Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд;

- Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон;

- Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе;

- Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Турсунзода;

- Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Фармони Президенти ҶТ аз 20.07.2022 №413);*

- Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

- Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар вилояти Суғд;

- Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар вилояти Хатлон;

- Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар шаҳри Душанбе;

- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.